# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23 апрели соли 2026, №----

**Барои сазовор донистани Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дар мавзуи «Усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ 12 феврали соли 2026, №25 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов – 3, толори шурои диссератациони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин 14 марти соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2006 ба факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ бо ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2012 бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз моҳи апрели соли 2013 то моҳи апрели соли 2014 дар қисми низомии №2849-и ҚС КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати ҳатмии ҳарбиро адо кардааст.

Аз соли 2014 дар КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз моҳи августи соли 2025 то инҷониб дар вазифаи муаллими калони кафедраи фанҳои ҳуқуқи Мактаби олии КДАМ ҶТ фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ аз 13 январи соли 2026 №1 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Назаров Аваз Қувватович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судии» Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

- **Самиев Назар Мурадович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. **Ба ҳайси муассисаи пешбар** муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Ҳамроев Ш.С. – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омода гардида, аз ҷониби Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. мудири кафедраи хуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Назарзода Р.Г.. ва котиби ҷаласа омузгори кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Желтова В.А., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И.Р. санаи 30 марти соли 2026

тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Муслихиддинзода, М.М. Использование поисковых интернет систем при раскрытии преступлений экстремисткой направленности [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Т. 2. – № 3(50). – С. 236-250; ISSN 2709-6246.

[2-М]. Муслихиддинзода, М.М. Криминалистическая харатеристика пресуплений экстремистического характера [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Государствоведение и права человека. – 2025. – №1 (37). – С. 390-401; ISSN 2414 9217.

[3-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Хусусиятҳои экспертизаи муаллифшиносӣ ва истифодаи он дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ [Матн] / М.М. Муслихиддинзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №4 (40). – С. 293-301; ISSN 2414 9217.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[4-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Назаров А.Қ. Тавсифи криминалистикии ҷиноятҳои дорои хусусияти эксремистӣ [Матн] / М.М. Муслихиддинзода А.Қ. Назаров // Навиди илм: Маҷаллаи илмӣ. – 2025. – С. 152-154.

[5-М]. Муслиҳиддинзода, М.М., Назаров А.Қ. Ташкили ҳамкории муфаттиш бо дигар хадамот ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта [Матн] / М.М. Муслиҳиддинзода А.Қ. Назаров // IV-уми конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18-уми апрели соли 2025). – 2025. – С. 56-59.

[6-М]. Муслихиддинзода, М.М. Международное сотрудничество Республики Таджикистана в сфере противодействие экстремизму [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Актуальныие проблемы современности: взгляд молодежи международная научно–практическая конференция. –Душанбе, 23 мая 2025. – С. 84-87.

[7-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Нақши муфаттиш дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ [Матн] / М.М. Муслиҳиддинзода // Ҳуқуқи инсон мушкилоти замони муосир: маводи конфренсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди

таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ рақамӣ ва инноватсия» ва қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ». – Душанбе, 5-уми декабри 2025. – С. 623-628.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Давлатзода К.Д.**– д.и.ҳ., дотсент, сармутахасиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи иҷроияи Раиси шаҳри Душанбе;

**Ғайротов Т.М.– н.и.ҳ., дотсент**, декани факултети иқтисодиёт ва тиҷорати Данишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Қобилзода Б.** – н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат бо коррупияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Дар диссертатсия равиш ва усулҳои таҳлили таҳдидҳои экстремистӣ асосан аз нуқтаи назари қонунӣ ва криминалистика баррасӣ шудаанд, вале ҷанбаҳои технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ дар ошкор ва пешгирии ҷиноятҳои экстремистӣ камтар таҳлил шудаанд.

2. Дар диссертатсия методикаи таҳлил асосан ба ҷиноятҳои аллакай содиршуда ва таҳқиқи онҳо равона шудааст, вале ҷанбаҳои пешгӯӣ ва таҳлили хатари эҳтимолии содиршавии ҷиноятҳои экстремистӣ барои оянда камтар ба назар гирифта шудаанд.

3. Дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда, технологияи истифодабарии техникаи муосири криминалистикӣ бо мақсади тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мавриди таҳқиқоти мустақим қарор гирифта мешуд, ки ин барои боз ҳам мукамалгардонидани навгонии илмӣ таъсири мусбӣ мерасонд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** шаклҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозӣ ва тафтиши самараноки чунин ҷиноятҳо ҳангоми анҷом додани амалҳои тафтишӣ;

– **пешниҳод шудааст:** бори аввал тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, ҷанбаҳои махсуси ин намуди ҷиноятҳо, аз ҷумла мақсад, ангеза, роҳу усулҳои содиркунии ҷиноят, хусусиятҳои шахсии субъекти чунин ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамчунин, усулҳои тафтиши чунин ҷиноятҳо;

- **исбот шудааст:** . хусусиятҳои криминалистии субъектҳои ин намуди ҷиноятҳо ба таври низомнок баррасӣ шуда аст, ки дар марҳилаҳои аввали тафтишот шахсони ҷиноятkop ба таври саривақтӣ муайян карда шуда замина барои баланд бардоштани натиҷанокии тактикаи амалҳои тафтишӣ фароҳам мегардад;

**ҷорӣ намудани:** тактикаи асоснокшуда оид ба гузаронидани амалҳои аввалиндараҷаи тафтишӣ, монанди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, кофтуков, пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва дигар амалҳо бо назардошти хусусияти махсуси ҷиноятҳои экстремистӣ ва зарурати вокуниши фаврӣ ба чунин таҳдидҳо.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашударо метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ, ба монанди «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», инчунин, дар мавриди гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва дарсҳои амалӣ ба таври васеъ метавон истифода кард.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии криминалистика, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи тафтиши ба худкушӣ расонидан инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** ҳамкории самараноки муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ, инчунин бо сохторҳои махсусгардонидашуда оид ба муқовимат ба экстремизм таҳия шудааст, ки ба баланд бардоштани сатҳи ошкоркунии ин гурӯҳи ҷиноятҳо мусоидат мекунад;

– **ошкор гардидани** истифодаи донишҳои махсус дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, нақши экспертизаҳои психологӣ-забоншиносӣ, диншиносӣ ва компютерӣ-техникӣ дар раванди исботкунии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ арзёбӣ мегардад;

– **омӯхта шуданд** шаклҳои фаъолияти субъектҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар ҷараёни ташкили ҷиноят; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои дорои

хусусияти экстремистӣ; инчунин воситаҳои методӣ ва криминалистӣ оид ба ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– **аз нав такмил додани** санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – як қатор талаботи ҳуқуқӣ барои гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд мустаҳкам карда шаванд; махсусан, бо мақсади пешгирии таъхирҳое, ки ба сифати тафтишот таъсири манфӣ мерасонанд, мухлатҳои ҳатмии анҷом додани ин амали тафтишӣ муқаррар карда шаванд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳо аломатҳо, нишонаҳо ва омилҳои хавфноки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва ҳамчунин усулҳои муосири криминалистӣ ва равониро муайян мекунанд. Ин таҳқиқот пешниҳоди амалӣ барои пешгирӣ ва бартараф кардани хатари ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, баланд бардоштани сифати тафтиш ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои иҷтимоӣ фароҳам меорад. Ҳамаи ин хусусиятҳо арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро афзун намуда, ба истифодаи натиҷаҳо дар амалӣ намудани чораҳои пешгирӣ ва такмили методикаҳои тафтиш мусоидат мекунад.

– **муайян карда шуданд, ки** ваколатҳои муфаттиш оид ба ҷалби мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла равоншиносӣ, тиб, диншиносӣ ва ғайра бояд густариш дода шаванд, ки ин ба баҳодиҳии дақиқтари ангезаҳои ҷиноят, махсусан дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ, мусоидат мекунад;

– **коркард карда шуд:** бо мақсади баланд бардоштани самаранокии амалҳои тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як қатор тавсияҳои методӣ пешниҳод мегарданд: а) ворид намудани омодагии ҳатмии равонӣ барои муфаттишон ва омӯзонидани онҳо ба усулҳои тактикии пурсиш, ки ба онҳо дар шинохтани нишонаҳои нишондодҳои бардурӯғ ва манипулясияҳо кумак мекунад; б) дар доираи

санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ пешбинӣ кардани тавсияҳои иловагии методӣ барои муфаттишоне, ки бо ҷабрдидагон ва шоҳидон дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ кор мекунанд, аз ҷумла тавсифи муфассали тактика ва усулҳои пурсиш дар ҳолатҳои стрессӣ; в) танзим намудани амалҳои муфаттиш дар ҳолати ба миён омадани вазъияти низоӣ дар ҷараёни пурсиш, бо таваҷҷуҳи махсус ба ҳуқуқҳо ва ҳимояи шоҳидон аз фишори шахсони сеюм, инчунин пешниҳоди омилҳои мушаххаси баҳодиҳии нишондод дар ҳолати мавҷудияти ихтилоф; г) пешбинӣ кардани имконияти истифодаи воситаҳои техникии муосир барои сабт ва таҳлили далелҳо, ки метавонад ҳамчун воситаи иловагӣ барои ҳалли вазъиятҳои низоӣ хизмат кунад; д) муҳим аст, ки стандартҳо ва принсипҳои мушаххас оид ба кор бо шахсони мавриди пурсиш ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо назардошти ҳолати равонӣ-ҳаяҷонии онҳо мустаҳкам карда шаванд, ки ин ба муфаттиш имкон медиҳад муоширати самараноктар ба роҳ монанд ва ба даст овардани далелҳои объективиро таъмин кунанд, махсусан дар ҳолатҳое, ки шахси мавриди пурсиш дар ҳолати ҳаяҷони шадид қарор дорад;

– **муаррифӣ карда шуд:** чораҳои иловагӣ оид ба тайёр намудани муфаттишон ва кормандони хадамоти фаврӣ қабул карда шаванд: ҷорӣ намудани курсҳои ҳатмии такмили ихтисос барои муфаттишон дар мавзуи мушкилоти азназаргузаронӣ дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки ба баланд бардоштани сифату самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат мекунад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Тартиби намунавии гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҷиноят дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия карда шавад ва зикри он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ пешбинӣ гардад;

– **ғоя асоснок шудааст, ки** ба сифати унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ метавон нишонаҳои зеринро ворид намуд: 1) мақсад ва ангезаҳои содир кардани ҷиноят; 2) роҳу усулҳои содиркунии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; 3) олот ва воситаҳои содир намудани чунин ҷиноятҳо; 4) пайҳои содир намудани ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ; 5) хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор; 6) ҷойи содиркунии ҷиноят;

– **муайян шудаанд:** тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои амалияи тафтишӣ ташаккул дода шуда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ равона шудааст;

– **истифода карда шуданд:** дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳодисаҳои экстремистӣ, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумоти омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар **таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ то сатҳи навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 23 апрели соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Муслиҳиддинзода Муснуриддин Муслиҳиддин дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 9 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 0 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар аъзои шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 9 нафар, муқобил – 0, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назарзода Н.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Сафарзода Ҳ.С.**

**23 апрели соли 2026**